آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

27 августи соли 2022
Шанбе
№ 68 (14873)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

## ҲОЛО СОҲИБКОР НА ДАР БОРАИ МУШКИЛОТ, БАЛКИ ДАР БОРАИ МУВАФФАҚИЯТ ФИКР МЕКУНАД

Барои соҳибкор ҳеҷ гоҳ осон набуд. Охир онҳо аз ҷойи набуда мӯъҷиза меофаранд. Вай барои манфиати халқ, обод кардани кишвар, ба олам паҳн кардани шӯҳрати мамлакат ором намегирад. Солҳое буданд, ки меҳнати ин гуна одамони фидокори ба хидмати миллату элат камарбаста қадр карда нашуда, худи онҳо дар гирдоби муаммоҳо мемонданд. Имрӯз офтоб ба китфашон расид. Акнун онҳо на дар бораи мушкилот, балки дар бораи муваффақиятҳо фикр мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДАР СЕССИЯИ ЖОКАРГИ КЕНЕСИ ҶУМҲУРИИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН ОИД БА РУШДИ ФАЪОЛИ ҲУДУДҲО, ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ МУНОСИБИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ҚАРОРҲОИ МУҲИМ ҚАБУЛ ШУДАНД



**26 август дар шаҳри Нукус сессияи ғайринавбатии 34-уми Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон баргузор гардид.**

Ҷамъомадро муовини раиси Жокарги Кенес Атабек Давлетов кушод. Котиботи сессия интихоб гардида, рӯзномаи маҷлис тасдиқ гардид. Ба он ду масъалаи ташкилӣ дохил гардид.

Раиси Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Мурат Камалов дар бораи пеш аз муҳлат хотима додани ваколаташ бинобар беморӣ ариза дод.

Масъалаи мазкур ба овоз гузошта шуда, бинобар моддаи 83 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон қарор дар бораи пеш аз муҳлат хотима додани ваколати Раиси Жокарги Кенес Мурат Камалов ва аз вазифааш озод намудани ӯ қабул гардид.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаи интихоби Раиси Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон муҳокима гардид. Бинобар қонунгузории Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, номзадро ба ин вазифа Шӯрои куҳансолон, ки аз депутатҳо иборатанд, тавсия мекунанд. Бинобар ин Шӯрои куҳансолон ташкил ёфт.

Пас аз машварат аъзои шӯро ба вазифаи Раиси Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон номзадии Оринбаев Аманбай Тлеубаевичро тавсия намуданд.

Дар сессия Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев иштирок намуд.

Роҳбари давлат дар баромади худ таъкид кард, ки ба сифати Президент нисбат ба дигар минтақаҳо аз Қароқалпоқистон бештар, яъне нуҳ маротиба боздид намуда, дар ҷараёни он чандин маротиба бо куҳансолон, соҳибкорон, вакилони ҷавонон табодули афкор намуд.

Дар ин давра 31 фармон ва қарор қабул гаштааст, ки ба рушди ҳаматарафаи Қароқалпоқистон нигаронда шудааст. Миқдори воҳидҳои соҳибкорӣ дар минтақа ду баробар афзуда, қариб 4,5 ҳазор лоиҳаи сармоягузорӣ роҳандозӣ гаштааст.

Дар Қароқалпоқистон таъминоти оби ошомиданӣ аз 40 то 68 фоиз афзуда, фарогирӣ бо таълими томактабӣ аз 32 то 76 фоиз, даромад ба ҳар сари аҳолӣ ду баробар афзудааст. Солҳои 2017-2021 26 ҳазору 400 бинои иқоматӣ сохта шудааст.

Бо назари танқид таъкид гардид, ки сарфи назар аз тамоми кӯшишот ва маблағи зиёде, ки барои Қароқалпоқистон ҷудо мешавад, то ҳанӯз мушкилот дар чунин масъалаҳо мисли оби ошомиданӣ, роҳҳои дохилӣ, таъминоти қувваи барқ, бекорӣ, нархи наво вуҷуд доранд.

Роҳбари давлат пешниҳод кард, ки пеш аз баррасии номзади пешниҳодшуда фикру назари номзад бинобар тараққиёти минтақа шунида шавад.

Номзад пешниҳодоти худро оид ба рушди соҳибкорӣ, соҳаи аграрӣ ва инфрасохтори Қароқалпоқистон, афзоиши миқдори лоиҳаҳои саноатӣ, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, таълим ва дастгирии ҷавонон баён намуд.

Президент ин нақшаҳоро дастгирӣ намуд ва супориш дод, ки бо мақсади тадбиқи онҳо ставкаи андози даромад, аз табодул, барои моликият ва андози замин дар Қароқалпоқистон ду баробар кам карда шавад.

— Бигзор маблағ на ба буҷет, балки ба оилаҳо ворид шавад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар бобати коҳиши майдонҳои кишт барои пахта ва ғалладона бо ҷудо намудани ду гектарӣ замин барои ҳар як хонавода, дар Нуқус ташкил намудани технопарки индустриалӣ ва минтақаҳои соҳибкорӣ дар ноҳияҳо, таъмири роҳ, беҳсозии таъмини электр ва газ вазифаҳо муайян шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо назардошти истеъдоди пешвоӣ, ватандӯстӣ ва сифатҳои инсонии Аманбай Оринбаев ба номзадии ӯ изҳори ризоият намуд.

Вазифаи ягонаи шумо – қаноатманд намудани мардум. Аз ҳар як ноҳия, деҳа ва авул боздид намуда, барои аҳолӣ шароити муносиб бояд фароҳам овард, – гуфт роҳбари давлат.

Депутатҳои Жокарги Кенес ва вакилони ҷамъият назари худро ба дастгирии номзад баён намуданд.

Комиссияи ҳисобу китоб ташаккул дода шуд. Бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ Аманбай Оринбаев бо як овоз Раиси Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон интихоб гардид.

– Боварии калон изҳор намуда, бо умеди зиёд ба оянда мо Раиси навро интихоб намудем, – гуфт Президент. – Акнун вай адолат, садоқат, масъулият, тартиб ва интизомро меҳвари фаъолияти худ бояд қарор диҳад. Халқ олиҳиммат аст. Ватан – ягона! Фақат муттаҳид гардида, мо албатта ба қуллаҳои баланди муайянкарда ноил мегардем.

Бо ҳамин сессияи Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон кори худро анҷом дод.

Пас аз сессия Президент Шавкат Мирзиёев аз маҳаллаи Амударё дар Нуқус боздид намуд.

Дар ин ҷо беш аз шаш ҳазор нафар зиндагӣ мекунад. Аҳолӣ дар ду корхонаи саноатӣ, дар беш аз бист объекти савдо ва хидматрасонӣ меҳнат мекунанд.

Ба қарибӣ дар маҳалла роҳҳои дохилӣ, қубури газ ва шабакаи электр таъмир гаштааст. Ҳудуди маҳалла обод мебошад. Намуди мактабҳо ва муассисаҳои таълими томактабӣ нав гардида, шароиташон беҳтар карда шудааст.

Дар ҳавлии мактаби маҳалла бо фаъолони маҳаллӣ ва вакилони куҳансолон суҳбати самимӣ ба вуқӯъ пайваст.

Тавре ки маълум мегардад, ба сифати Президент ман бештар аз ҳама нисбат ба дигар минтақаҳо ба Қароқалпоқистон омадаам. Аз қадамҳои аввал мо донистем, ки агар заминӣ суҳбат кунем, агар ҳамҷиҳатона амал намоем, ба тағйирот ноил шуда метавонем. Солҳои охир дар Қароқалпоқистон бисёр тағйирот ба вуқӯъ пайваст. Таъминоти оби ошомиданӣ беҳтар гардида, фарогирӣ бо муассисаҳои таълими томактабӣ афзуд. Бисёр иморатҳои иқоматӣ сохта шуд. Бисёр хурсандам, ки чунин тағйирот дар маҳаллаи шумо низ ба амал омадааст, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Куҳансолон гуфтанд, ки воқеаҳои моҳи июл хатои калон буд, баъзе ҷавонон роҳгум заданд. Бо таъкиди он ки байни қароқалпоқҳо ва ўзбекҳо риштаҳои мустаҳками алоқа дар тӯли садсолаҳо ба вуҷуд омадааст, бо тамannои сулҳу осудагӣ ба халқамон дуо хонда шуд.

– Албатта, ҳамаи мо ин воқеаҳоро бо нигаронии зиёд қабул кардем. Онҳо на бо хости халқи Қароқалпоқистон ба вуқӯъ омаданд. Виҷдони қароқалпоқистониҳо тоза аст. Халқи мо – ягона. Бигзор минбаъд чунин даҳшатҳо рӯй надиҳанд, бигзор дар мамлакатамон ҳамеша сулҳ ва ягонагиамон ҷовидон бошад, – гуфт Президент.

Бо ҳамин сафари роҳбари давлат ба Қароқалпоқистон ба поён расид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ХАЛҚ АЗИЗ, ИНСОН АЗИЗ

## ШУКӮҲИ НАВИ ҶОМБОЙ ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Дар “Зарафшон” ҳама шоду хандон. Хабари дар маркази ноҳия тантанавор кушода шудани қасри фарҳанги “Зарафшон” зуд ба гирду атроф паҳн гардид, ки хеле мардум ҷамъ омаданд.***

Ҳокими ноҳия Қаюм Собиров ҳозиронро хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки барои халқи мо ба тӯй бо тӯёна рафтан анъана шудааст. “Зарафшон” нахустин иншоот мебошад, ки ба муносибати 31-умин солгарди истиқлолияти кишвар ба истифодабарӣ супорида шуд. Минбаъд дар ин ҷо баромади санъаткорон, намоиши филмҳо, вохӯрӣ бо эҷодкорон ва дигар анҷуманҳои фарҳангӣ ба вуқӯъ хоҳанд пайваст. Баъди кушода шудани он филми “Ўзбеккино” бо номи “Нав” ва спектакли “Қадами пурхатар” намоиш дода шуд.

Ҳангоми суҳбат ҳоким гуфт, ки ноҳияи Ҷомбой дар маркази диққату эътибори сарвари давлатамон қарор дорад. Муҳтарам Шавкат Мирзиёев 10-уми феврали соли равон ба маҳаллаи пешқадами ноҳия ташриф фармуда, бо корҳои ободонӣ аз наздик шинос шуданд ва барои беҳбуди шароити зисти аҳолӣ маслиҳату супоришҳо додаанд. Корҳои ободониву навгониҳои зиёде, ки имрӯзҳо дар ноҳия сурат мегиранд, маҳз бо амру ҳидояти Президент корбаст мегарданд.

Тавре ки ҳоким боз тазаккур дод, дар асоси дастури “Маҳаллаи обод” дар ҳамаи 38 гузару деҳа, алалхусус, роҳҳо куллан тармим ва мумфаршу равон мешаванд. Дар ду тарафи шоҳроҳи “Самарқанд – Тошканд”, ки сарҳади ноҳия аз диёри Зарафшон оғоз ёфта то қаламрави ноҳияи Булунғур тӯл мекашад, ғайр аз дарахтони меваноку манзаравӣ гулгаштҳо бунёд ёфтаанд.

### Суҳбати гуворо

Собиқадори таълими халқ, соҳиби ордени “Эл-юрт ҳурмати” Гулнора Аҳмадова аз ҷумлаи бонувонест, ки ба мақоли “кори як зан беҳ аз сад кори марди лофзан” ҳамоҳанг аст. Вай тамоми умр ба насли наврас таълиму тарбия дода, ҳоло ҳам дар корҳои ҷамоатӣ фаъол мебошад. Ва он рӯзе, ки сарвари давлатамон ба маҳаллаи Тошкандӣ ташриф овард, бо ин зани оқилаву доно, равшанфикру маърифатпарвар суҳбат ороста, хеле хурсанд шуд, ки Гулнораона барин фариштагони хонадонамон бо ҷидду ҷаҳд, тафаккур ва таҷрибаи худ барои ободӣ, гул-гул шукуфтани Ўзбекистони Нав ва бахту саодати мардум хидмати шоиста мекунанд.



– Бовар кунед, — бо табассуми малеҳ иброз дошт Гулнора Аҳмадова, – суҳбати мо бо сарвари давлатамон гуворо буд. Шавкат Миромонович ба модарону хоҳарон меҳрубону дилсӯзанд. Маҳз солҳои охир ғамхории ҳукуматамон ба занону духтарон беш аз пеш меафзояд. Роҳбари давлатамон қариб дар ҳамаи маърӯзаҳои худ таъкид менамоянд, ки бонувон ба корҳои роҳбарӣ, соҳибкорӣ бештар ҷалб гарданд. Далели фикрам аз моҳи марти соли равон дар асоси самтҳои Стратегияи рушд ва бо мақсади таъмини татбиқи низом ва самарабахшии таваҷҷуҳ ба занону духтарон Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои оила ва бонувон созмон дода шуд. Ҳоло дар ҳамаи маҳаллаҳо вазифаи муовинони раисон оид ба масъалаҳои занон ва оила ҷорӣ шудааст. “Дафтари занон” ташкил шуд, ки мақсад додани кумаки иҷтимоиву иқтисодӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, рӯҳӣ ба хоҳарон мебошад.

– “Гулнораона, – гуфтанд сарвари давлатамон, – имрӯзҳо мо ба давраи нави таърихии рушди ҳамаҷонибаи кишварамон бо қадами қатъӣ ворид шудем. Ба қалби фарзанду наберагонамон ҷойгир кардани мақсадҳои бузургу наҷиб, ғояҳои олиҷаноб вазифаи асосии модарону бибиҷонҳои дуогӯ мебошад. Умеди мо аз шумо барин бонувони оқилаву доно аст”.

Боиси хурсандист, ки бо ташаббуси Президент ҷунбиши “Бонувони оқила” таъсис дода шуд ва камина аъзои он ҳастам. Минбаъд тамоми маҳорат ва таҷрибаи ҳаётамро барои Ўзбекистони Нав сарф хоҳам кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

***Мулоқоти кушоди Президент Шавкат Мирзиёев бо соҳбкорон, ки 22 август баргузор гардид, дар байни намояндагони доираҳои корчаллони байналмилалӣ ва коршиносӣ акси садои васеъ пайдо намуд.***

***Дар аксари шарҳҳо таъкид мегарданд, ки Ўзбекистон ба сӯйи рушди устувори иқтисодӣ босуръат пеш рафта, монеаҳои мавҷудаи берунӣ ва дохилиро самаранок бартараф менамояд.***

## ЎЗБЕКИСТОН НА ТАНҲО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ, БАЛКИ ДАР ФАЗОИ ПАСОШӮРАВӢ НИЗ ДРАЙВЕРИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ГАРДИД

Ҷомеаи соҳибкорони ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои Президенти Ўзбекистон оид ба дастгирии соҳибкорон истиқбол мекунанд, коршиносон баҳои некбинона медиҳанд.

**Раҳбари маҳфили сиёсатшиносони «Кавкази Ҷанубӣ» Илгар ВЕЛИЗАДЕ (Озарбойҷон):**

– Дар Ўзбекистон барои рушди соҳибкорӣ саъю кӯшиши бебаҳо бурда мешавад. Гузашта аз ин, роҳбарияти кишвар ба фароҳам овардани заминаи мусоиди институтсионалӣ барои фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Бояд гуфт, ки муҳимтарин қарорҳо дар ин соҳа дар шароити канда шудан аз вазъияти воқеии корҳо ташаккул намеёбанд. Ҳама қарорҳои асосӣ бо назардошти муколамаи мақомот бо соҳибкорон, муколама дар сатҳи олӣ қабул мешаванд. Мулоқоти ошкорои Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев бо соҳибкорон далели ин гуфта мебошад.

Ман ҳамчун мутахассиси байналмилалӣ он фактро таъкид накарда наметавонам, ки ҳангоми таҳияи рӯзномаи сафарҳои гуногуни давлатӣ манфиатҳои соҳибкорони ўзбек низ ба инобат гирифта мешаванд. Қариб ҳар сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба хориҷа бо имзои қарордодҳои чандмиллиарддолларӣ миёни ширкатҳои Ўзбекистон ва шарикони хориҷии онҳо сурат мегирад. Ин, дар навбати худ, ба рушди соҳибкорӣ дар Ўзбекистон такони нав бахшида, барои ба кишвар ҷалб намудани сармояҳои бевоситаи хориҷӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад.

**Директори Донишкадаи иқтисодиёти Академияи фанҳои Латвия Нина ЛИНДЕ:**

– Ўзбекистон тайи 3-4 соли охир ба драйвери ислоҳоти иқтисодӣ барои дигаргунсозӣ ва рушд дар тамоми минтақа табдил ёфт.

Чунин мулоқотҳо бо сарвари давлат соҳибкорони ўзбекистониро ба пешравиҳои боз ҳам бештар водор месозад.

Аз ҷониби Президенти Ўзбекистон муқаррар шудани имтиёзу сабукиҳо, ки аз тадбирҳои кумаки давлатӣ ба бахши хусусӣ сар карда ва дар масъалаҳои дастгирии маънавии соҳибкорон ба охир мерасад, аз саи Ўзбекистон дар самти ҳавасмандии аҳолӣ ба соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Ташаббуси Президенти Ўзбекистон дар бораи таъсиси Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба дастгирии соҳибкории назди Президент дар механизми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи махсус хоҳад дошт.

Таваҷҷуҳи шахсии Сарвари давлат ба рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо, бешубҳа, ба беҳбуди инфрасохтор, сифати таълим, тандурустӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард.

**Президенти ширкати «Noritsulsu Co.LTD» Шого АОКИ (Ҷопон):**

– Дар Ўзбекистон ба сифати сармоягузор бо фаъолияти касбӣ шуғл варзида, дар бораи ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев оиди қарори ҷорӣ кардани муносибати нав ба дастгирии корхонаҳо бо роҳи ба тоифаҳо ҷудо кардани онҳо, ки дар рафти мулоқоти кушод бо соҳибкорон 22 август садо дод, шунида, хушҳол шудам.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ШУКӮҲИ НАВИ ҶОМБОЙ ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

### Ба боғи миллӣ – эътибор ҷиддӣ

Рӯди Зарафшон аз ҳудуди ноҳияи Ҷомбой убур карда, қисми асосии вилояти Самарқандро бо оби ҳаётбахш таъмин мекунад. Дар ду соҳили дарё қариб 2,5 ҳазор гектар ҷангалзор мавҷуд. Афсӯс, ки баъзе шахсони худбину тангчашм сарватҳои бебаҳои табиатро бераҳмона ва кӯтоҳандешона нобуд мекунанд.

Набототу ҳайвонот ва ҳатто сангу шағалу қуми дарё шабу рӯз бо техникаи пуриқтидор ба чор тараф интиқом дода мешаванд. Дар натиҷа сатҳи дарё хеле поён рафта ҳатто таъминот бо оби ошомиданӣ барои шаҳри Самарқанд хеле коҳиш ёфт. Аъзои фаъоли гурӯҳи "Самарқандро эҳё мекунем", ки роҳбараш журналист Анастасия Павленко аст, бо ҳамдилонаш тавассути расонаҳои ахбор ва шабакаҳои иҷтимоӣ бонги изтироб зада, табиатро аз олудашавӣ эмин медоранд.

– Дар ҳақиқат, дар шафати дарёи Зарафшон бунёд шудани боғи миллӣ барои мардуми Самарқанд армуғони беҳтарин аст. Ҳар сол бо фаро расидани ҳавои гарм садҳо нафар меҳмонону мизбонони шаҳри бостонӣ ба ин ҷо омада, бо фароғат истироҳат мекунанду аз табиати нотакрор баҳра мебардоранд. Фаромӯш накунем, ки табиат – мекунад моро табобат! Дар кишварамон ба ҳифзи экология ва муҳити зист, васеъ намудани маконҳои сабзу хуррам, самарабахш гардондани фаъолияти ташкилотҳои масъул дар сатҳи сиёсати давлатӣ эътибор дода мешавад.

### Як сар ангур – се кило

– Ҳар гоҳ ба ноҳия боғбонону соҳибкорон барои таҷрибаомӯзӣ ташриф фармоянд, мутахассисон роҳбалад шуда, назди Олим Муҳаммадқулов меоранд, ки хоҷагии фермерии ӯ "Гулнигор нурли даласи" бо ангурпарварӣ машғул аст. Имрӯзҳо боғбонон бо ғунучини маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд.

– Соли гузашта аз фурӯши ангур беш аз 20 ҳазор доллар фоида гирифтем, – мегӯяд Олим Муҳаммадқулов, – имсол ин нишондод ду маротиба зиёд хоҳад шуд. Дар токзор ҳосил фаровон. Аз сабаби риоя кардан ба қоидаҳои агротехникӣ ва дар меъёр обу озуқа додан як сар ангур то 3-3,5 кило санг зер мекунад. Дар се гектар замин ангури навъи "Ризомат", "Мерседес", "Ҳусайнӣ" ва ғайра парвариш мекунем, ки таҷриба аз водии Фарғона омад.

– Танҳо дар тасарруфи ҷамъияти саҳҳомии "Оҳалик олтин боғлари" 446 хоҷагии фермерӣ вуҷуд дошта, ҳамаи онҳо бо соҳибкорӣ ва боғбонӣ машғуланд. Зеро бо фармони сарвари давлатамон ноҳияи мазкур ба сабзавоту боғпарварӣ табдил ёфтааст. Аз сабаби афзудани кластерҳои саноати хурд 641 нафар бо кор таъмин шудаанд. Танҳо дар шаш моҳи соли равон ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ қариб 4 ҳазор тонна маҳсулоти хоҷагии қишлоқро ирсол намуданд. Хоҷагиҳои "Бешбола Агровеч", "Самарқанд консерв" маҳсулоти хешро ба хориҷа мефурӯшанд.




– Таъкид кардан ҷоиз аст, ки ноҳияи Ҷомбой 180,5 ҳазор нафар аҳолӣ дошта, 8,2 ҳазор нафар бекорон ҳастанд. Дар нимсолаи гузашта 2,8 ҳазор нафар бо кор таъмин гардиданд. Инчунин, субъектҳои тиҷорати хурд ду баробар афзуда, 593 соҳибкори хусусӣ, 65 оилавӣ ба рӯйхат гирифта шуданд. Ҳоло шумораи субъектҳои тиҷорати хурд ба 3 ҳазору 109 адад расидааст.

– Агар бо забони рақамҳо ҳарф занем, – мегӯяд котиби матбуоти ҳокимияти ноҳия Орифҷон Одилов, – дар натиҷаи ба истифода супурдани 40 лоиҳаи минтақавии инвеститсионӣ ба маблағи 1,3 триллион сӯм 471 ҷои нави кор пайдо мешавад. Дар шаш моҳ ба миқдори 12,1 миллион доллар маҳсулоти кишоварзӣ содир гардид, ки бешубҳа барои беҳдошти некӯҳолии мардум хизмат мекунад.

Дар се минтақаи ноҳия бунёди хонаҳои истиқоматии бисёрқабата муташаккилона идома меёбанд, ки яке аз онҳо дар маҳаллаи Катта Қишлоқ мебошад. Имсол 100 оила бӯрёкӯбӣ мекунад. Дар шаш моҳи соли равон 17,5 километр нили оби нӯшокӣ гузаронида шуд ва ба 70 километр шабакаи барқ интиқол ёфт. Барои амалӣ шудани лоиҳаҳои иҷтимоӣ ба миқдори 21,2 миллиард сӯм қарзи имтиёзнок додем. Боз барои ба амал татбиқ шудани дастури "Ҳар як оила – соҳибкор" 19,5 миллиард сӯм маблағ ҷудо шуд. Охир стратегияи тараққиёт дебочаи марҳилаи нави ислоҳот дар мамлакат гардида, мақсади асосии он бунёди давлати инсонпарвар бо роҳи баланд бардоштани қадр ва шарафи Ҳазрати одам аст.

Ба ин муносибат дар ҳокимияти ноҳия чорабиниҳои ташкиливу амалӣ, маънавию маърифатӣ ва корҳои тарғиботиву тавзеҳотӣ, ки дар худ ғояи асосии "Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз"-ро таҷассум намудааст, амалӣ хоҳад гашт.





### Мо аз амонӣ гуфтугӯ дорем...

– Дар ноҳияи Ҷомбой чун шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои Ургут, Самарқанд, Пастдарғам ўзбекону тоҷикон якҷоя зиндагӣ мекунанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Қаюм Ҳамроевич, – масалан, дар маркази ноҳия, деҳаҳои Ғазира, Зарафшон, Ҳалвоӣ ва ғайра тоҷикон бисёранд. Умуман, дар қаламрави ноҳия вакилони беш аз бист миллату халқият ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ ба сар мебаранд. Бинобар ҳамин шиори мо "Аз амонӣ гуфтугӯ дорем" аст.

— Қаюм Ҳамроевич, иди аз ҳама бузург – ҷашни 31-умин солгарди истиқлолият дар мекӯбад...

– Дар матбуот қарори сарвари давлатамон аз 1-уми августи соли ҷорӣ "Дар бораи тайёрӣ ва дар сатҳи баланд баргузор намудани ҷашни 31-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон" интишор ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ЎЗБЕКИСТОН НА ТАНҲО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ, БАЛКИ ДАР ФАЗОИ ПАСОШӮРАВӢ НИЗ ДРАЙВЕРИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ҷумла, изҳороти Президенти Ўзбекистон дар бораи аз 1 январи соли 2023 то 12 фоиз кам кардани ставкаи андоз ба арзиши иловагӣ сазовори эътибори алоҳида аст.

Қарори сарвари давлатро боз як иқдоми муҳим медонам - аз 1 июли соли ҷорӣ истифодаи ставкаҳои афзояндаи андоз бинобар истифода нашудани бино ё замини холӣ, инчунин аз ҳисоб баровардани қарздории соҳибкорон ба миқдори 2 триллион сӯм, ки дар натиҷаи супоридани андозҳо бо ставкаи баланд ба вуҷуд омадааст, бекор карда шуд.

**Сиёсатшиноси қирғиз Шерадил БАКТИГУЛОВ:**

– Ўзбекистон тайи 3-4 соли охир драйвери ислоҳоти иқтисодӣ дар таҳаввулот ва рушд на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар маҷмӯъ дар фазои пасошӯравӣ гардид. Дар ин замина Президент Шавкат Мирзиёев ба рушди бахши хусусӣ афзалият медиҳад.

Меҳоҳам қайд намоям, ки чунин вохӯриҳои сарвари давлат бо соҳибкорон онҳоро ба пешравиҳои боз ҳам бештар водор месозад. Ба ғайр аз ин, вай як қатор имтиёзу сабукиҳоро муайян намуд, ки бешубҳа аҳолии Ўзбекистонро ба шуғл варзидан бо соҳибкорӣ ҳавасманд мегардонад.

Дар Ўзбекистон корхонаҳои хусусӣ дар соҳаи нассоҷӣ, истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва маҳсулоти саноати хӯрокворӣ махсусан бомуваффақият инкишоф меёбанд. Қирғизистонро зарур аст, ки таҷрибаи Ўзбекистонро дар ин самт истифода барад. Умуман, ин барои Қирғизистон намунаи тайёр аст, ки чи тавр бояд дар соҳаҳои имрӯз серталаб бомуваффақият кор кунад.

Дар ҳоли ҳозир вазъи иқтисодӣ дар ҷаҳон тағйир меёбад ва ҳамон содирот ба Русия таҳти таҳримҳо коҳиш меёбад. Чунин мисолҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки кишварҳои пасошӯравӣ бояд ба ҳама гуна фалокатҳои иқтисодӣ омода бошанд ва барои тавлиди маҳсулоти худ талош кунанд, ки ҳадди ақал эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ гардонад. Маҳсулоти худӣ на танҳо барои инкишофи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, балки барои устувории ҷамъиятию сиёсӣ алтернативи хеле хуб аст.

Қобили зикр аст, ки сарвари ҷумҳурӣ ба рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Ин бешубҳа ба беҳбуди инфрасохтор, сифати таълим, тандурустӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард.

**АИ «Дунё».**

*Варзиш*

# ОФАРИН, ДИЁРАИ ДИЁРИ МАҲБУБ!



***Дар Муғулистон аз рӯи намуди дзюдо мусобиқаи байналхалқии «Тоскулоҳи калон» баргузор гардид, ки вакили Ўзбекистон, фарзанди Самарқанд Диёра Келдиёрова ба шоҳсуфаи баланд баромад. Ӯ ҳарифаш Алесия Кузнетсоваро дар вохӯрии охирин мағлуб сохт.***

– Ту бояд мактаби дзюдои Самарқандро намоиш диҳӣ,– пеш аз ба болои қолин баромадан таъкид намуд устодаш Хуршеда Холиқова,– умедворам, ки меҳнату машқҳои пайваста зоеъ нарафтааст.

Диёра тасдиқомез сар ҷунбонд ва ба майдон баромад. Рости гап, рақиби муносиб афтода будааст, ки зуд таслим нашуд. Ниҳоят варзишгари самарқандӣ ҳунари худро нишон дод, ки вакилони Русия қоил шуданд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки ӯ соли гузашта дар чунин мусобиқа намояндаи Испониё Эстрелли Лопесро ба доғ гузошта, ғолиб шуда буд.

Чанде пеш дар Туркия мусобиқаи Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ баргузор гардид ва Диёра ғолиб баромад ва шӯҳрати хосса пайдо кард.

– Муҳаббат ба варзиш ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна дар қалби ман маъво гирифта, қариб 20 сол бо тарбияи ҷисмонӣ машғул ҳастам, – иброз дошт Диёра.

— Пас аз он, ки дар Улан-Батор ғолиби мусобиқаи «Тоскулоҳи калон» шудам, баъзе аз хабарнигорон пурсиданд, ки оё ман акнун бо варзиш хайру хуш мекунам ё не?!

– Дар рӯзномаву маҷаллаҳои худ нависед, ки дар пойтахти Фаронса шарафи Ўзбекистонро ҳимоя менамоям, – қатъӣ ҷавоб додам ман. – Солҳои охир таҷрибаи зиёде пайдо карда, паси ҳам дар чанд мусобиқаи байналхалқӣ пирӯз шудам.

Нияти ман дар Париж ғолиб шудан аст.

Ҳоло аз муваффақиятҳои калон саргарм нашуда бо устодони меҳрубонам пайваста машқ мекунам.

Имрӯзҳо дар шаҳри Тошканд бо мураббии номдор Нелли Қиёмова ҳар рӯз болои қолин баромадан ба одат табдил ёфтааст. Дар Муғулистон соҳиби 500 балли олимпӣ шудаам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### НОГИРОҲО МАВРИДИ ЭЪТИБОР

**Дар ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис депутатҳо лоиҳаи қонун бинобар ворид сохтани дигаргунӣ ва иловаҳо ба қонун "Дар бораи таъминоти пенсияи давлатии шаҳрвандон"-ро дар қироати аввал дида баромаданд.**

Мувофиқи маълумотҳо, имрӯзҳо дар мамлакат тақрибан 782 ҳазор нафар шахсони ногиро номнавис гардида, аз онҳо 292 ҳазор нафарашон лаёқати меҳнатӣ доранд. Аз ба кор лаёқатдоштагон танҳо 43,8 ҳазор нафар ба кор таъминанд, ки ин ҳамагӣ 15 фоизро ташкил менамояд.

Дар вазъи қабул гардидани қонун эътиборан аз соли 2023 ба пенсияи 75 ҳазор нафар шахсони ногиро ба ҳисоби миёна 300 ҳазорсӯмӣ илова мегардад. Айни замон пенсияи ногироҳое, ки фаъолияти меҳнатиашонро давом медиҳанд, дар ҳар ду сол як маротиба аз нав ҳисобу китоб карда мешавад, таъкид кардааст ҷонишини вазири молия Ҷ. Абруев.

Соли 2023 барои ба амал баровардани қонун ҷудо шудани 275 миллиард сӯми иловагӣ аз буҷаи давлат тақозо мегардад.

### ЗУҲУРОТИ НАВИ ҒАМХОРӢ БА ҲАРБИЁН

***Дар мамлакатамон хидматчиёни ҳарбӣ ҳамеша мавриди эътибор буданд ва ҳастанд. Дар қарори навбатии роҳбари давлати мо имтиёзҳои иловагӣ барои онҳо муқаррар гардид.***

Масалан, хидматчиёне, ки бинобар беморӣ ё гирифтани ҷароҳат ба истеъфо баромадаанд, айни замон, оилаи ҳарбиёне, ки ҳалок шудаанд, сарфи назар аз чиқадарии муддати хидмат, бо хонаву ҷой таъмин карда мешаванд.

Ҷуз ин манзили онҳое, ки барои гузаштани хидмати ҳақиқии ҳарбӣ ба сохтори ҳарбии вазорату идораҳои дигар гузаронда шудаанд, ба тасарруфи вазорату идораи ҷои нави хидмати онҳо гузаронида мешавад.

Мувофиқи қарор, ҳарбиёне, ки муддати бистсолаи хидматро гузашта, ба захира гуселонда шудаанд, аз ҳисоби давлат ба ҷои истиқомат таъмин мегарданд. Солҳои дар МТО таълим гирифтани онҳо ба давраи солҳои хидмати ҳақиқии ҳарбиашон ҳамроҳ ҳисоб карда мешавад.

### ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛИ УСКУНАҲОИ БАРҚ АФЗУДААСТ

***Дар давоми моҳҳои январ-июли соли равон аз ҷониби корхонаҳои саноатии истеҳсолгари ускунаҳои барқи 6,4 триллион сӯмина маҳсулот истеҳсол шудааст, хабар медиҳад Кумитаи давлатии статистика.***

Истеҳсоли ускунаҳои барқ назар ба ҳамин давраи соли гузашта 5,4 фоиз афзудааст. 62,3 фоизи ин гуна ускунаҳо аз тарафи корхонаҳое, ки дар пойтахт фаъолият мебаранд, истеҳсол гардидаанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# СӮХ БА МАРКАЗИ ДИГАРГУНИҲО ТАБДИЛ МЕЁБАД

***Дар арафаи 31-умин солгарди истиқлолияти кишвар ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров бо роҳбарони секторҳо аз ноҳияи Сӯх боздид намуд. Дар аснои ин ташриф онҳо бо татбиқи лоиҳаҳо, бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ ва таъмини аҳолӣ бо шуғл аз наздик ошно шуданд.***

Интизор меравад, ки дар ояндаи наздик самараи ин корҳои бузург ба шукӯҳи шаҳраку рустоҳои ноҳияи дурдаст шукӯҳ ва намои тозаву зебо зам хоҳад кард.

Яке аз корҳои азим, ки ҳоло дар саросари вилоят ном баровардааст, азхуд кардани мавзеи Ҷавпая мебошад, ки татбиқи лоиҳаҳои васеъмиқёси он барои таъмини аҳолии ҳамон минтақаи ноҳия бо ҷойи кор хеле мусоидат хоҳад кард.

– Дар ин мавзеъ як гурӯҳ одамон ба парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда машғуланд. Инчунин кишту парвариши заъфарон ва наматак боис хоҳад шуд, ки дараҷаи некӯаҳолии аъзои хонаводаҳои зиёд аз ҳисоби ҳосили он хеле боло равад. Нархи заъфарон, ки барои давои бемориҳои гуногун корбаст мегардад, дар бозорҳои ватаниву берун аз он хеле гарон мебошад, – гуфт Хайрулло Бозоров.

Дар ҳамин ҳол бо кумаки мутахассисони эронӣ дар вилояти Ҷиззах заъфарон чун зироати доруворӣ парвариш карда мешавад, ки маҳсулоти он асосан ба хориҷ содир мегардад.

Маълум шуд, ки дар мавзеи Ҷавпая бар асоси супориши Сарвари давлат ҷиҳати анҷом додани корҳои обёрӣ дар заминҳои истифоданашуда корҳои зиёд беш аз пеш вусъат пайдо кардаанд.

– Арзи вуҷуд намудани гармхонаҳое, ки дар 80 гектари мавзеи Ҷавпая ба мушоҳида мерасад, маҳз бар асоси қарзҳои имтиёзнок бунёд мегарданд. Дар ин ҷо ба эҳтиёҷмандон 10 сотихӣ заминҳои азхудшуда тақсим шудааст, то ки онҳо гармхона - лимонариҳои серҳосилу босамар ташкил кунанд,– изҳор намуд ҳокими вилоят.

Ҳодисаи дигари хурсандибахше, ки дар остонаи 31-умин солгарди истиқлолият дар ноҳия ба вуқӯъ пайваст, хатнасурии 31 нафар кӯдакони оилаҳои камбизоату эҳтиёҷманди он мебошад.

– Аксарияти ин кӯдакон дар муассисаҳои таълими томактабӣ мавриди таълиму тарбия қарор гирифтаанд. Метавон гуфт, ки хатнасурии ин кӯдакон ифодаи равшани ғамхориҳои бузург нисбати наслҳои навраси мамлакати соҳибистиқлоламон мебошад, – гуфт сардори Садорати муассисаҳои таълими томактабии вилоят Юлдузхон Хоҷаева.

Ногуфта намонад, ки дар мамлакатамон Президент ва ҳукумат ба оилаҳои низомиён низ ғамхориҳои зиёд мекунанд. Дар ноҳия контингенти Қӯшунҳои сарҳадии Хадамоти амнияти давлатӣ мустақар мебошад. Як қисми сарбозону афсарони он дар ин ҷо бо аъзои оилаҳои худ машғули хидмат мебошанд. Маросими супурдани калиди хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои ин низомиён аз ҳодисаҳои муҳим арзёбӣ гардид.

– Барпо шудани чунин хонаҳои баландошёнаи замонавӣ дар ноҳия мисли хобу хаёлест, ки имрӯз ба ҳақиқат табдил ёфтааст. Дар фазои хеле мутантан мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани ин биноӣ истиқоматӣ ва иншооти дигари маъмурии он шукӯҳи табдири имрӯзаро боз ҳам дучанд намуд, – мегӯяд яке аз онҳо Бобо Ҷалолов.

Дарвоқеъ, чанде муқаддам дар яке аз минтақаҳои хушбоду ҳавои соҳили дарёи Сӯх биноҳои якошёна ва дуошёнаи истиқоматӣ қомат афрохтанд, ки ҳоло оилаҳои зиёд дар он сукунат ихтиёр кардаанд. Дар шафати ин биноҳо бозори калони деҳқонӣ низ сохта шудааст, ки дӯконҳои зиёди бошукӯҳу замонавиро дар ихтиёри худ қарор додааст.

– Ҳанӯз нақшаҳои мо зиёданд. Сохтмони чунин иморатҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои маъмуриро боз идома хоҳем дод, – гуфт ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Вай афзуд, ки ҳоло боз як маросими идона дар пеш истодааст, ки бо ширкати ҳокими вилоят ва роҳбарони секторҳо дар он ширкат хоҳем кард. Он кушоиши биноӣ мактаб мебошад, ки яке аз масканҳои беҳтарини таълиму тарбия маҳсуб хоҳад ёфт.

Ин биноӣ мактабест, ки шумори мактабҳои таълимоти ҳамагонии ноҳияро ба 30-то мерасонад.

Гуфта шуд, ки ин мактаби замонавӣ барои 330 нафар фарзандони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Офтобрӯ муқаррар шудааст ва дар ивази 13 миллиард сӯм арзи вуҷуд намудааст. Биноӣ мазкур дорои 25 синфхона, инчунин утоқи компютерӣ, китобхона бо гунҷоиши 30 ҷойи нишаст, ошхонаи муҷаҳҳаз, толори варзиш, толори ҷамъомадҳои дорои 70 ҷойи нишаст мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз

# ГЎШАИ ОБОДИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***Имрўз намои бошукўҳ ва руҳияи болидаи мардуми ноҳияи Попи вилояти Намангон аз он далолат медиҳад, ки ин ҷо яке аз масканҳои рушдёфтаи Ўзбекистони Нав ба шумор меравад. Маҳсулоте, ки дар корхонаҳои саноатии ин ҷо истеҳсол мегарданд, дар бозори ҷаҳон низ харидоргир. Бино ба барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия корҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ, саноат, хидмати маишӣ ба роҳ монда шудаанд, дар ҷумҳурӣ ҳам маълуму машҳур.***



Дар самти рушди соҳибкорӣ ва дастгирии он дар соли 2021 600 субъекти соҳибкорӣ ташкил шуда, пешбинӣ шуда буд, ки шумораи онҳо ба 2,2 ҳазор зиёд мегардад. Дар амал бошад, ин нишондод ба 2 ҳазору 858 расид.

Дар асоси фармони роҳбари давлат "Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба рушди салоҳияти саноати ҳудудҳо" аз 9 июни соли 2021 дар қатори 24 ноҳияи ҷумҳурӣ ноҳияи Поп низ ба ноҳияи ихтисосонидашудаи истеҳсоли ҷиҳозҳои сохтмон, азнавкоркарди санги табиӣ ва плитаҳои пардозбоб табдил ёфт. Дар соҳаи сайёҳӣ низ як қатор корҳо дар амал иҷро шуданд. Дар деҳаи Чодак ташкил намудани 300 хона-меҳмонхона ба нақша даровarда шуда, дар чаҳорчўбаи Барномаи давлатии "Ҳар як оила-соҳибкор" бо ҳамкории саридораи рушди туризми вилоят, ҳокимияти ноҳия ва бонкҳои тиҷоратӣ дар маҳаллаҳои Гулистон, Чодакбошӣ, Боғишамол, Шайхон ва Боён меҳмонхонаҳо ташкил карда шуданд.

Дар асоси қарори Девони Вазирон аз 11 июни соли 2018 "Чодак — зонаи хурди сайёҳӣ" ташкил гардид. Деҳаи Чодак дар минтақаи кўҳии ноҳия ҷой гирифтааст, табиати зебо, ҳавои тозаву мусаффо дорад. Ин минтақа аз сатҳи баҳр дар баландии ду ҳазор метр ҷой гирифта, дар мавсими тобистон диққати сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Бино ба манбаъҳои таърихӣ деҳа тақрибан 4 ҳазору 540 сол дорад. Дар тўли солҳои 2020-2030 давра ба давра сохтани меҳмонхонаҳои замонавӣ, масканҳои истироҳатӣ, хонаҳои бисёрошёна, биноҳои муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабҳо ба нақша гирифта шудааст.

Меҳмонхонаи замонавии "Apart Hotel Kosmos" аз ҷониби соҳибкор Дилшод Тўрахўҷаев сохта шуда, хусусияти экологии Чодак дар он пурра ифода ёфтааст. Хонаҳо бо омехтаи маҳсулоти тозаи қадимӣ – лой ва коҳ бо усули замонавӣ пардоз дода шудаанд. Дар ҳар як хонаи меҳмонхонаи яққабата бо истифода аз сангу лойи табиӣ душ ва ҳоҷатхонаҳо ҷой гирифтаанд. Дар боми меҳмонхона дар зери осмони кушод тарабхонаи дорои 800 ҷой низ мавҷуд аст. Дар он ҷо аз табиати бетакрори Чодак ва ҳавои тозаи он баҳраманд шудан мумкин. Саёҳатчиён метавонанд бо мотопараплан сайр кунанд. Бо мақсади рушди инфрасохтори ноҳия пешбинӣ шудааст, ки ба 12 лоиҳа 25 млрд.сўм ҷудо карда, он ба сохтани 2 муассисаи таълими томактабӣ, таҷдиди 2 мактаби таълими миёнаи умумӣ, маҷмуи тиббӣ, маркази маданият сарф карда шавад. Аз ҷумла, мактаби миёнаи таълими умумии рақами 21-уми маҳаллаи Гулистон намои нави замонавӣ гирифт, дар мактаби 29-уми маҳаллаи Чодакбошӣ корҳои таъмир бо суръат идома дорад.

Дар кўҳ ва минтақаҳои наздикўҳӣ мавҷуд будани беш аз 113 ҳазор гектар ба инобат гирифта, дар маҳаллаҳои Чоркесар ва Маданият "Кластери бузпарварии Чоркесар" ташкил карда шуд. Аз ҷониби кластер 10 ҳазор сар буз ва гўсфанд оварда шуда, барои бунёди чорвопарварӣ шароит муҳайё карда шуд.

Роҳбари хоҷагии фермерии "Ҷўрабой Эргашалӣ Мироншоҳ" Санҷарбек Эргашев барои рушди соҳаи бузпарварӣ ҳиссаи худро мегузорад. Бузпарварӣ самти сердаромади чорвопарварӣ ба ҳисоб меравад. Пўст, пашм, гўшт ва шири буз дар табобати халқӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Бо мақсади васеъ намудани хоҷагӣ парвариши 164-сар чорвои калони шохдор, 350 сар чорвои резан шохдор, 10 ҳазор паррандa, 5 ҳазор сар харгўшро ба роҳ монд. Дар ду гектар майдон гармхона ташкил намуда, яхдон-анборхонаи ҳаҷмаш 500 тоннагиро барпо намуд. Фермери саховатпеша ба ивази даромади ҳалоли худ хонаву ҷойи ду нафар шаҳрванди эҳтиёҷманди маҳаллаҳои Учбулар ва Бобурро вайрон намуда, пурра аз нав сохта дод.

Бино ба барномаҳои давлатии "Деҳаи обод" ва "Маҳаллаи обод" дар 77 маҳалла ба миқдори 181,3 миллиард сўмина корҳои сохтмон ва ободонӣ ба роҳ монда шудааст. Давра ба давра барои оилаҳои эҳтиёҷманд, ба ҳимояи иҷтимоӣ муҳтоҷ, ногироидошта биноҳои замонавии серошёна сохта ба истифода супурда мешаванд, ки ҳамаи ин баҳри фаровонӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии мардум мебошад.

**Ш. ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти НАМАНГОН.*



*Мавзеъҳои нави Ўзбекистони Нав*

# ДАР «НАМУНА» 2400 НАФАР БО КОР ТАЪМИН МЕГАРДАНД

Дар арафаи ҷашни истиқлолият дар мавзеъҳои зиёди вилоятамон маросими ба истифодасупории объектҳои нав баргузор мешаванд.

Дар асоси қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 2 июли соли 2018 «Дар бораи ташкил кардани минтақаҳои хурди саноатӣ дар вилояти Намангон» инчунин аз 21 июни соли 2019 «Чорабиниҳо оид ба мутобиқсозии фаъолияти минтақаҳои хурди саноатӣ ва такмил додани идоракунӣ» як қатор корҳо ба ҳаёт татбиқ карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар минтақаи саноати хурди «Намуна»-и ноҳияи Косонсой корхонаи бузурги истеҳсолӣ ба истифода супурда шуд. Дар қисми аввали ҶММ «Barkas tex group», ки ҳоло ба фаъолият сар кард, 600 нафар бо кор таъмин гардиданд. Ба нақша гирифта шудааст, ки баъди пурра ба кор даромадани корхона беш аз 1800 ҷойи корӣ офарида мешавад.

– Қисми асосии коргаронро нафароне, ки дар рўйихати «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари бонувон» буданд, ташкил медиҳад, – гуфт роҳбари корхона Анвархон Абдуллоев. – Сачоқҳои маҳине, ки дар ин ҷо истеҳсол мегардад, пурра ба хориҷ содир мешавад.

Корхона дорои қувваи истеҳсоли 5 ҳазор тонна маҳсулоти тайёри калоба буда, ҳаҷми содироти он дар як сол 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

– Дар хона бекор будам. Ташкил гардидани чунин корхона барои ман ва дугонаҳоям мувофиқи мақсад шуд. Корамон вазнинӣ намекунад. Дар як моҳ то 2 миллион сўм маош мегирам, ки бо ин ба рўзгор фоидаамон мерасад, – гуфт Ёқутхон Эргашева дар сўҳбат бо мо. – Нақлиёт барои рафту омадамон ва хўроки пешин бепул дода мешавад.

Дар натиҷаи ислоҳоти пайдарпайе, ки ба ҳифзи манфаатҳои қонунӣ ва ҳуқуқии соҳибони мулки хусусӣ нигаронида шудааст, чунин лоиҳаҳои бузург ба амал татбиқ мегарданд.

Ҳоло дар вилояти Намангон шумораи минтақаҳои саноати хурд ба 73-то расидааст, ки дар он беш аз ҳазор субъектҳои соҳибкорӣ нақшаҳои истиқболноки худро паиҳам ба амал татбиқ менамоянд.

Дар 167,4 гектар майдони ноҳияи Косонсой 4-то минтақаи саноати хурд ташкил гардиданд, ки ба 184 лоиҳаи он 1 триллиону 251 сўм маблағ равона карда шудааст.

Ба нақша гирифта шудааст, ки пас аз пурра ба кор сар кардани чунин лоиҳаҳо 13 ҳазору 663-то ҷойҳои нави корӣ офарида мешавад. Аз ҷумла, дар минтақаи саноати хурди «Намуна», ки майдони умумии он 26,2 гектар аст, баҳри ба кор даровардани 28-то лоиҳае, ки 350 млрд. сўм арзиш дорад, саъю ҳаракатҳо оғоз ёфтаанд. Чунин корҳо амалӣ гарданд, 2400 нафар ба кор таъмин мешаванд.

Дар маросими кушодашавии корхона ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов иштирок кард.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ: МАНЗИЛҲОИ ОБОД*

# ФОРИШ ҲАМ ФАЙЗЁБ МЕГАРДАД

***Иқдоми неку наҷибе, ки бо ташаббус ва сарпарастии Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев амалӣ гардонида мешавад, ин қабл аз ҳама обод намудани дурдасттарин деҳу овул ва шароити мусоид фароҳам овардан ба бошандагон мебошад. Агар дақиқ назар андозем, корҳои созандагӣ қариб дар ҳамаи маҳаллаҳои ҳудуди вилояти Ҷиззах ҷараён доранд. Марказҳои ҳамаи навоҳиву шаҳрҳо дар давоми се-чор соли охир намои зебову замонавӣ мегиранд.***



Хатҳои нави об, газ, электр, таъмир ва азнавсохти роҳҳои мошингард, бунёд гардидани биноҳои истиқоматӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ўзбекистони Нав эътибор ба шароити зист, некўаҳволии мардум хуб аст. Инсон қадр меёбад.

Танҳо як ноҳияи вилоят – Форишро бигирем, роҳи мошингарди кўчаи марказии маркази ноҳия – шаҳрчаи Боғдон аз сари нав асфалтпўш гардид, роҳи дутарафа ҳосил шуд.

Дар кўчаи Мевазори маҳаллаи Хонбандӣ бошад, ҳоло роҳи нави бетонӣ месозанд, ки 4,5 километр дарозӣ дорад. Иҷрои ин корро роҳсозони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бунёдкор обод Фориш» бар ўҳда гирифтааст. Роҳсозӣ ва корҳои таъмири роҳ дар маҳаллаҳои «Кулба», «Фориш», «Норвон» низ ҷараён доранд.

Дар маҳаллаи «Норвон» бо сарпарастии сектори дуюм дар чуқурии 130 метр чоҳи артезианӣ кофта, ба масофаи 1600 метр хати нави об мекашанд. Дар ҳамин замина як чиз ба хотирам расид. Ҳар вақте ба деҳаи Ўхм мерафтам, хусусан аҳолии маҳаллаи Ҳаёти нав, ки беш аз шаст хонаводаро ташкил медиҳад, аз танқисии об дар фасли гармои тобистон азоб кашиданашонро бо чашми худ медидам. Инак, порсол дар доираи «Маҳаллаи обод» ба ин ҷо лўлаи об кашида, ҳавз сохтанд ва аз он ба ҳар хона хати нави об кашиданд. Мардум акнун мамнунанд, ки ба дари хонаашон об омад.

Дар маҳаллаи «Эгизбулоқ» канал сохтанд. Аз болои он ду пули мошингузар бунёд менамоянд. Корҳои кўпруксозӣ аз ҷониби коргарони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Файзли иншоот» барпо карда мешавад, ки ва се миллиарду сесад миллион сўм қиммат дорад. Дар ин ҷо ҳамчунин Маркази фарҳанги дорои 250 нишаст месозанд.

Дар асоси Барномаи «Маҳаллаи обод» корҳои ободонӣ дар маҳаллаи «Қизилқум» ҷараён доранд. Дар ин ҷо ба масофаи шаш километр роҳ шағал ва се километри дигар асфалт хобонида ҳамвору мумфарш мекунанд. Бо қимати қариб 1,5 миллиард сўм бинои бунгоҳи тиббиву мактабро аз таъмири мукаммал мебароранд. Иншооти обкашӣ сохта, ба ҳар як хона хати оби тозаи ошомиданӣ кашида мешавад.

Салоҳияти саноатии ноҳия ҳам торафт афзун мегардад. Корхонаи навтаъсиси «DONA TEXTILE MODA» 185 нафар бонувонро бо кор фаро гирифтааст. Барои аз хонаашон ба кор бурда овардани коргарон ду автобус ҷудо карда шудааст.

Тайи солҳои охир шумораи умумии муассисаҳои таълими томактабӣ ба 83 адад расид. Аз ин 17-тояш давлатӣ, 6-то хусусӣ – давлатӣ, 60-то оилавӣ мебошад. Айни замон дар маҳаллаҳои «Дўстӣ», «Оқтом», «Норвон», «Гараша» боғчаҳои кўдакона месозанд, ки ҳар яке барои 100-120 нафар пешбинӣ гардидааст.

Умуман Фориш аз ин бунёдкориҳо торафт қиёфаи зебо гирифта, дар давраи Ўзбекистони Нав файзёб мегардад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик.»**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Бинобар маълумоти сайти «mandat.dtm.uz»-и Маркази давлатии тест соли ҷорӣ 60233 нафар абитуриентҳои бухороӣ дар санҷишҳо иштирок кардаанд. Байни ҳудудҳо онҳо ба ҳисоби миёна 70,087 хол (яъне нишондиҳандаи ҳар яки онҳо ба ҳисоби миёна ҳамин қадарӣ аст) ба даст даровардаанд, ки ин натиҷаи баландтарин аст.***

# ШОГИРДОНИ МАКТАБҲОИ БУХОРО – ПЕШҚАДАМ

Байни шаҳру ноҳияҳо абитуриентҳои ноҳияи Пешку бо 73,545 хол пешқадаманд.

Нишондиҳандаи холҳои 22699 нафар хатмкунандагони имсолаамон ба ҳисоби миёна ба 85,573 хол рост омад. Ин байни ҳудудҳо натиҷаи аз ҳама боло аст.

Дар миқёси вилоят бошад, хатмкунандагони шаҳри Бухоро бо 89,9 хол ҷойи аввал, қарокўлиён бо 89,623 хол ҷойи дуюм ва хатмкардагони ноҳияи Пешку бо 88,614 хол ҷои сеюмро ишғол намуданд.

# ТЎҲФАИ МУНОСИБ

***Яке аз масъалаҳои баташвишовардаи аҳолӣ – таъмирталаб будани аксарияти роҳҳои ҳудудҳост.***

Аҳолии маҳаллаи Тоҷиккенти ноҳияи Қарокўл ҳангоми қабули сайёри ҳокими вилоят муроҷиат карда буданд, ки баҳри таъмири як қисм роҳи автомобилгарди 4Р-75- «Ғузор–Бухоро–Нуқус–Бейноу», ки километрҳои 81-85-и он аз ҳудуди маҳаллаи онҳо мегузарад, кумак расонад. Ниҳоят, ин масъала ҳалли худро ёфт. Роҳсозони корхонаи унитарии истифодаи роҳи ноҳия ба масофаи 4,2 километр – қисми таъмирталаби роҳ хобондани асфалтро вусъат медиҳанд. Ин ҷараён дар арафаи анҷомёбист. Шубҳае нест, ки ҷомаи амал пўшидани орзуи одамон дар арафаи 31-солагии соҳибистиқлолии Ўзбекистон барои онҳо тўҳфаи муносиби идона аст.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# БАРОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ТАРБИЯИ КЎДАКОН

***Дар Маркази матбуоти миллии Гулистон бо ташаббуси шуъбаи вилояти Вазорати таълими томактабӣ таҳти мавзўи «Консепсияи рушди низоми таълими томактабии Ҷумҳурии Ўзбекистон то соли 2030» нишасти матбуотӣ баргузор шуд. Дар он роҳбари садорати таълими томактабии вилоят Даврон Дўстов ва роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълими халқ, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, вакилони ҷамоатҳо ширкат варзиданд.***

Д. Дўстов таъкид намуд, ки консепсияи рушди низоми таълими томактабӣ дар ҳар як шаҳр ва ноҳия нахустин ҳуҷҷате мебошад, ки нишондодҳои дақиқро бинобар низоми фарогирии бачагон ба муассисаи таълими томактабӣ муайян мекунад. Қадами мазкур шаффофият ва объективӣ будани фаъолияти моро таъмин месозад. Бинобар зиёд кардани миқдори педагогҳо, ҳамчунин, саракунӣ, омодасозӣ ва баланд бардоштани малакаи ходимон барои татбиқ кардани муносибатҳои нав корҳоямонро идома медиҳем. Намояндагони вазорат имкони ҳар дақиқа назорат кардани фаъолияти ходимони маъсулро надоранд. Барои ҳамин дар ҷойҳо кор кардани инсонҳои соҳибмалакаву бовиҷдон барои мо муҳим аст.

Таъкид гардид, ки дар низоми таълими томактабӣ ҳолатҳои ришваситонӣ бо мисоли хўрокворӣ вобаста мегарданд. Бинобар аз байн бардоштани ҳолати мазкур корҳои низомнок бурда мешаванд.

Ба сабаби он ки воситаҳои санитарӣ-гигиенӣ аз ҳисоби буҷети давлат марказонида ва расонда мешаванд, дар муассисаҳои томактабӣ аз падару модарон маблағ талаб карда намешавад. Касоне, ки бо ин ҳол дучор мешаванд, метавонанд ба вазорат муроҷиат кунанд ва ин муамморо дар якҷоягӣ ҳал намоянд.

Дар чорабинӣ гуфта шуд, ки вобаста ба камбудиҳое, ки дар низоми таълими томактабӣ ба назар мерасанд, ходимони воситаҳои ахбори оммавӣ ба вазорат шикоят намуда, масъалаҳои мавҷударо дар ҳамкорӣ омўхта, ҳаллу фасл намоянд.

Беҳтар будани таъмини кўдакон бо ғизо нисбат ба ноҳияҳо дар шаҳри Гулистон аз ҷониби иштирокдорони тадбир зикр гардид, масъулони вазорат бинобар ин масъала ибрози ақида карданд ва пешниҳод шуд, ки таҳти назорат гирифтани хўроки бачагон аз ҳар ҷиҳат зарур аст.

Маълум шуд, ки дар соҳа камбудиҳо ба назар мерасанд, барои зина ба зина баланд бардоштани тарбияи кўдакон нақшаҳои низомнок андешида мешаванд, то он ки низоми таълими томактабӣ ба соҳаи пешрафта табдил ёбад. Зеро хишти аввали ояндаи дурахшони бачагон дар мактаб не, балки дар кўдакистонҳо гузошта мешавад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

**Инак, таътили тобистона ҳам дар остонаи анҷомёбӣ асту соли нави таҳсил дар мекӯбад. Падару модарон ҳамин рӯзҳо сари андешаи омодагии фарзандон ба мактаб. Яке ғами сару либос, дигаре аз пайи дарёфти дафтару китобу қалам ва ҳоказо. Вале фоизи ками онҳо мавриди мазмун ва моҳияти таълиму тарбия андеша мекунанд. Ҳол он ки мазмуни таълим ва мақсади тарбия пагоҳ ё пасфардо пеши назари волидайн симои иҷтимоиву инфиродии фарзандашонро таҷассум мегардонад ва ҳамон рӯз баногоҳ, ба ҳайрат рӯ ба рӯ мешаванд, ки чаро чунин шуду чароончунин нашуд, бехабар аз он, ки худ ҷойе лоқайд буданд.**

# ҲАМОҲАНГӢ ОМИЛИ МУҲИМ

## ё худ дар бораи барномаҳои таълими миллии навин ва мазмуни онҳо

Воқеият ин аст, ки яке аз муҳимтарин омилҳои ташаккулдиҳандаи муҳити маънавии ҷомеа низоми таълиму тарбияи ҳукмрон ба шумор рафта, дар ҳама давру замон аҳамияти калон дорад ва агар волидайн ба мазмуни таҳсилоти ҷигарбандон беэътиборӣ зоҳир намоянд, сарфи назар аз соҳиби чӣ касбу чӣ ихтисос гардидани фарзанд, ба муҳити маънавӣ нағунҷидани ӯ ва ҳатто бегонашавии ӯро аз ҷомеа гувоҳ шуданашон аз эҳтимол дур нахоҳад буд.

Бинобарин, дар кишвари мо таълиму тарбияи насли ҷавон ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Мусаллам аст, ки аз нахустин рӯзҳои истиқлолият масъалаи зарурати комилан ислоҳ намудани низоми таълиму тарбияе, ки ҷавобгӯи талаботи замон нест, ба миён гузошта шуд. Дар натиҷа масъалаи таълиму тарбия пайваста дар роҳи такмилу тарвиҷ қарор гирифта, то қадри имкон ба беҳтарин намунаҳои таълими самаранок ва тарбияи оҳанги миллӣ дошта муяссар шуда истодааст. Агар ба манзараи ифодаи рақамии корҳои ислоҳот дар соҳаи таълиму тарбия мухтасар назар андозем, дидан мумкин, ки танҳо тайи чанд соли охир доир ба ислоҳоти низоми таълими халқ 2 фармон, 14 қарор аз ҷониби Президент, 16 қарор аз тарафи Девони Вазирон ба тасвиб расидаанд. Дар радифи ин ҳама, қабул карда шудани Консепсияи равнақи низоми таълими халқ то соли 2030, қонун "Дар бораи таълим" аз он далолат медиҳад, ки барои дарёфти мақбултарин низоми таълим, ки барои халқи Ӯзбекистон нафъе оварда тавонад, пайваста ҷустуҷӯ идома дорад.

Дар заминаи чунин ислоҳот ташаккул ёфтани муносибати нав, назари нав ба мазмуни таълиму тарбия тавассути ҳамгироийи арзишҳои миллӣ ва таълими замонавӣ ҳодисаи хурсандибахш мебошад. Чунки маҳз ҳамин тариқ, ба таълими миллӣ рӯҳияти миллӣ ҷой дода мешавад. Дар замони пуртаҳлукаи муосир масъалаи худшиносиву худогоҳии ҷавонон хеле мубрам гардида, дар ҷаҳонбинии онҳо баъзан коҳидани рӯҳияти миллӣ мушоҳида мешавад.

Бояд зикр кард, ки аслан тадриҷан ва зина ба зина ба роҳ монда шудани барномаҳои таълими миллии навин дар Ӯзбекистони Нав боз як шаҳодати мӯътамад бар он аст, ки дар ин сарзамин масъалаҳои таълиму тарбия ҳамеша дар маркази диққати давлат ва ҷамъият мебошад. Соҳаи таълиму тарбия бинобар ҳодисаи ҷамъиятӣ будани худ, баъзан аз дасти давру замонҳо рӯ ба коҳиш оварда, ҳатто гоҳе аз сарҳади моҳияти аслии худ берун мешуданд.

Тавре маълум аст, дар барномаҳои таълимии пештара бештар ба масъалаи додани дониши назарӣ эътибори хос зоҳир мешуд. Зимни он, муаллим ё худ устод ба воситаи усул ва методҳои педагогӣ, ки асосан ба азхудкунонии қисмати назарии дониш такя мекард, худ нақши нуфузӣ дошта, донишомӯз дар мавқеи дуюмдараҷа қарор гирифта, ба изҳори назар ва ифодаи фикру андешаи худ бидуни ризоияти устод ҳуқуқ надошт. Тавре маълумоти расмӣ гувоҳӣ медиҳад, 90 фоизи барномаҳои таълимӣ ба назария пайваста буданд.

Барномаи таълими миллии навин бештар ба афзудан ва рағбатнок намудани фаъолнокии шогирдон нигаронида шуда, таносуби ҳаҷмии назария ва амалиёт аз ҷиҳати фоиз баробар пешбинӣ шудааст. Ин ҷо таъкид кардан лозим, ки айнан зиёд гардидани қисми амалиёти ҷараёни таълим ба боло рафтани фаъолияти мустақилона ва андешаронии озоди донишомӯзон мусоидат хоҳад намуд.

Дар барномаҳои пешин масъалаи арзёбии фаъолияти шогирди мактаб, яъне баҳогузорӣ асосан ба ҳаҷми он донише, ки донишомӯз дар хотир дошта тавонистааст, нисбат дода мешуд. Ҳатто шогирди мактаб кадом қоида ва ё формулаҳои кимиёвӣ, физикӣ, математикиро азёд медонисту, роҳу усулҳои истифодаи онҳоро дар ҳаёти рӯзмарра тасаввур карда наметавонист. Барномаи навин бошад, пешбинӣ мекунад, ки бояд пеш аз ҳама маҳорати донишомӯз арзёбӣ шавад, яъне ба маҳорати дар амалиёт тасаввур кардан ва истифода бурда тавонистани дониши вай бояд баҳо дода шавад.

Дар масъалаи шумораи фанҳои тадрисӣ ва ҳаҷми таълими онҳо ҳам талабот ва рӯҳи замон ба инобат гирифта шуд. Ин дар чӣ ифода меёбад? Баъзе аз фанҳои таълимӣ аз барнома хориҷ шуданд. Баъзе фанҳо ба таркиби дигар фан ворид карда шуданд. Соатҳои таълимӣ низ аз нав баррасӣ шуданд. Муҳимтарин нуктаи ин ҷараён он буд, ки ба донишомӯзон имконияти мувофиқи барномаҳои вариативӣ интихоб намудани фанҳо аз рӯйи шавқу хоҳиши шахсӣ фароҳам оварда шуд, ки дар асоси онҳо шогирди мактаб ба ҳаёт ва фаъолияти касбии оянда омода мешавад. Тибқи барномаи таълими миллии навин фанҳои тадрисӣ дар синфҳои аз поён ба боло идомаи мантиқии ҳамдигар буда, дар асоси тамоили аз сода ба мураккаб омӯзонида мешаванд.

Хуб, аз тарафи давлату ҷомеа ба таълиму тарбия эътибор ва корҳои амалӣ хуб ба роҳ монда шудаанд. Ин неъмати бузург. Аммо дар ҷараёни таълиму тадрис нуқсонҳое низ ба чашм мерасанд, ки нодида гирифтани онҳо рӯзе "мева" хоҳад дод. Гуфтанием, ки имконияти фароҳамовардаи давлатро мақсаднок, сифатнок идора карда ба истеъмолгарон расонидани он ҳам талабҳои ба худ хос дорад. Чунки маҳз омили инсон баъзан ба тороҷу бесифатии маҳсулот сабаб мешавад. Бесифатӣ дар интихоби маводи дидактикӣ, ки аз тарафи муаллифи китоб роҳ дода мешавад, бо кадом роҳҳо ё "ким-чӣ хел" мешаваду аз ҳама озмунҳо гузашта рӯйи мизи мактабии донишомӯз ҷой меёбад. Яъне, онро масъулон нодида мегиранд. Ҳамин аст "омили инсон". Дар ин мақолаи хурд аз овардану исботи нуқсонҳои фаровон худдорӣ намуда, фақат таъкид бояд кунем, ки мазмуни китобҳои дарсӣ ҳанӯз пурра ҷавобгӯи барномаи таълими миллии навини Ӯзбекистони Нав нестанд. То рӯзе, ки муаллими мактаб ҳамчун фарзанди ҷонсӯзи миллат аз нуқсу камбудиҳои маводи таълим ҳарф назанад, имкониятҳои фаровон ба бод хоҳанд рафт.

Бо назардошти фикрҳои фавқ, ба назари мо, волидайнро ҳам вақти он расидааст, ки ба сифати таълиму тадрис, ба ҷараёни донишомӯзии фарзандон, ба мазмуни таълими миллӣ эътибори бештар зоҳир намуда, худро аз мушоҳидакори одӣ ба ифодагари афкори иҷтимоӣ табдил диҳанд. Ва ниҳоят, бояд ҳамагон кӯшиш ба харҷ диҳем, ки дар мазмуни таълими миллии имрӯза баробари рӯҳияти замон рӯҳияти арзишҳои миллӣ низ муштарак ва ҳамоҳанг ҷой ёбанд.

**Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА,**
**доктори фалсафа (PhD) оид ба фанҳои педагогика.**

Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз

# ТАНТАНАИ ОРЗУҲОИ ҚАДИМА

**Дар ҷаҳон зиёда аз 205 давлат мавҷуд. Дар ҳар яки он даҳҳо халқу миллат зиндагӣ мекунад, урфу одат ва арзишҳои миллии онҳо мухталиф. Ҳар яки он дорои бозиҳои миллӣ ва мусобиқаҳои гуногун. Аммо ба дараҷаи ҷаҳонӣ баромадани бозиҳои миллӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ на ба ҳамаи халқҳо насиб гардидааст.**

Агар англисҳо тобеъ ё мустамликаи ягон давлати бегона мешуданд, оё бозии футбол ё бокс, ки имрӯз тамоми ҷаҳон ба он таваҷҷуҳ дорад, чунин шуҳратёр мешуд? Агар ақлу заковат, иродаи мустаҳками аҷдоди самурайҳо-ҷопонҳо, ки дар ҷазираи хурде давлати бузургеро сохтаанд, намебуд, магар дзюдо ва каратэ дар ҷаҳон оммавӣ шуда метавонист?

Албатта, дар ҷомеа васеъ паҳн шудани ҳар як навоварӣ ба он вобаста аст, ки инсонҳои донишманду бузурги он дар татбиқи ин ғоя умри худро дареғ надошта, муттаҳид шуда, бо неруву иродаи мустаҳкам хидмат карда тавонистаанд.

Дар мамлакатамон – Ӯзбекистони Нав – имкониятҳои нав, офаридани пойгоҳи Эҳёи сеюм, ҷорӣ намудани тамоюли ба сӯйи ҷомеаи пурқуввати шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби роҳбари давлат ба миён гузошта шудааст, хоҳишу иродаи халқест, ки бо меҳру муҳаббат, фидокорона умр ба сар мебаранд.

Мадҳияи Ӯзбекистони мустақил, ки имрӯз онро бо фахр мехонем, оё дар майдонҳои ҷаҳонӣ баланд садо медод? Парчами давлати мо дар олимпиада ва чемпионати ҷаҳон ба шарафи варзишгарони оташқалби мо сарбаландона партавфишонӣ мекард?

Дарҳақиқат, дар арафаи тантанаҳои 31-солагии Истиқлолияти кишвар ҳолати аввала ва имрӯзаи тарбияи ҷисмонӣ ва спорти мамлакатамон пеши назар намоён мегардад.

Дар солҳои аввали Истиқлолият ҳукумати ҷумҳурӣ танҳо ба майдони байналхалқӣ баромадани кураши ӯзбек, ба масъалаи оммавӣ гардонидан ва дастгирии моддиву маънавии он эътибори алоҳида дода бошад, дертар ба сафи он гӯштии миёнбанд, санъати ҷанги ӯзбек, Турон ва бузкашӣ барин бозиҳои миллӣ ҳамроҳ шуданд. Алҳол олимону мутахассисон оиди истилоҳоти як қатор бозиҳои варзишӣ кор мебаранд, ки ин ҳам аз ғанӣ будани мероси маънавии халқамон дарак медиҳад.

Роҳбари давлат дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки моҳи январи солӣ ҷорӣ баргузор шуда буд, чунин таъкид намуд: "Дар барпо намудани Ӯзбекистони Нав ба ду сутуни мустаҳкам, яъне ба иқтисодиёти бузург, ки дар асоси тамоюлҳои бозор ба миён меояд, инчунин ба мероси маънавию маданӣ, миллии аҷдодонамон бояд такя намоем. Маънавият – пойдевори сифат ва мазмуни муносибатҳои сиёсиву иҷтимоии ҷамъият ба шумор меравад".

Дарҳақиқат, намудҳои спорти миллӣ, ки аз бозиҳои халқӣ сарчашма мегирад, қисми муҳими маънавияти халқ буда, ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди он дар майдонҳои байналхалқӣ эътибори бузург медиҳад.

Аз оғози соли 1991 танҳо ба рушди намуди варзиш – кураш ҳаракатҳо оғоз шуда бошанд, аз соли 2018 сар карда, ба туфайли эътибори алоҳидаи президентамон он расман ба мақоми Бозиҳои Осиёии кураш бардошта шуд.

Дар тӯли 3-4 соли гузашта доир ба рушди кураш, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникии он, ба арсаи байналхалқӣ бардоштани он як қатор қарорҳои таърихӣ қабул карда шуданд, барномаву нақшаҳо, "харитаи роҳ" таҳия карда шуд.

Аниқтараш, эътибор ба кураш аз ин 20 сол пеш оғоз ёфта бошад ҳам, ташкилоти ваколатдори ин намуди спорт – Федератсияи кураши Ӯзбекистонро на маблағ буду на манзили асосӣ. Ба сифати ташкилоти нодавлатию нотиҷоратӣ фаъолият нишон медод, ходимони он моҳҳо, баъзан солҳо бе маош меҳнат мекарданд. Ин бошад ба рушди ин намуди спорт таъсири манфӣ мерасонд. Имрӯз-чӣ?

Имрӯз Федератсияи кураши Ӯзбекистон ба саридора, ба шуъбаҳои вилоятиву ноҳиявӣ, ба таъминоти моддиву маънавӣ соҳиб аст. Ин на танҳо барои марҳилаи нави инкишофи спорти миллии мо,балки барои дар мамлакат мунтазам ба роҳ мондани маҳфилу мусобиқаҳои гӯштини миллӣ тахти мавзӯъҳои "Сарзамине, ки паҳлавони бисёр дорад, қудратнок аст", "Гӯштӣ – ғурури миллии мост" ва ғайра замина фароҳам овард.

Дар натиҷа, дар минтақаҳо даҳҳо тренерҳои ҷавон бо кор таъмин гардиданд, ҳазорҳо ҷавонписарону ҷавондухтарон бо варзиш машғул шуданд. Ғайр аз ин, бино ба нақшаи федератсия дар ҳамаи гӯшаҳои кишвар мусобиқаҳои "Ҷоми прокурор", "Ҷоми ҳоким", "Паҳлавонони маҳалла" ташкил карда шуданд. Баробари ин дар турнири байналхалқии "Барои ҷоми Президенти Ӯзбекистон", ки дар мамлакатҳои хориҷӣ гузаронда шуд, иштирок карданд. Аз ҷумла, тавассути мусобиқаҳои гӯштӣ, ки дар Олмон, Булғория, Туркия, Фаронса барин давлатҳо баргузор шуд, санъати миллӣ, ҳунармандӣ, таомҳои миллиамонро ба таври васеъ армуғон намуданд. Хориҷиён аз ин лутфу марҳамат ва меҳмондӯстӣ баҳраманд гардиданд.

Ҳамаи ин дастовардҳо тантанаҳои истиқлолият ва орзуву ормони асринаи халқамон мебошад. Ин тантанаҳо ғояи ҳаётбахши "Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз"-ро ифода менамоянд.

Имрӯз мо, ӯзбекистониҳо аз ҷумлаи онҳое ҳастем, ки гӯштинро ҳамчун як намуди варзиш барои ба яке аз машғулиятҳои оммавитарини ҷаҳонӣ табдил додан ба роҳ баромадаем. Чӣ қадар машаққат доштани ин роҳро медонем. Аз ҳама муҳимаш, пойдевори он дар асоси тамоюли Ӯзбекистони Нав мустаҳкам мегардад, ки ин бешубҳа, оғози пешравию зафарҳои нав мебошад.

Ба гуфтаи роҳбари давлат "...пойдевор чӣ қадар мустаҳкам бошад, халқ ҳам, давлат ҳам ҳамон қадар нируманд мегардад ва бо такя ба ин замин мо метавонем асосҳои Эҳёи сеюмро барпо намоем".

**Тӯлқин РӮЗИЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

# ҒОЛИБОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ИШТИРОК МЕКУНАНД

**Ба қарибӣ дар ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон барои Ҷоми Ӯзбекистон байни муштзанони соли таваллудашон 2004-2005 мусобиқа баргузор гардид.**

Дар баҳсҳо аз шаҳри Тошканд, Қароқалпоқистон ва вилоятҳо қариб 200 нафар боксбозон аз рӯйи 13 вазн иштирок карданд.

– Камина дар чемпионати Осиё иштирок карда будам. Дар мусобиқаи мазкур ҷойи якумро ба даст овардам. Акнун бароям имконият пайдо шуд, ки дар сафи тими яккачини Ӯзбекистон аз рӯйи бокс дар чемпионати ҷаҳон иштирок кунам, – гуфт яке аз ғолибони ҷом Раҳматулло Бойматов.

– Дар вилоятамон ба варзиш торафт эътибор зиёд мешавад. Аз сари сол то ҳозир якчанд мусобиқа баргузор гардид. Дар мусобиқаи Ҷоми Ӯзбекистон низ аз вилоятамон гурӯҳи боксбозони иқтидорнок иштирок карданд, – гуфт сардори садорати сайёҳӣ ва варзиши вилоят Анвар Тӯйчиев. – Дар сартосари мамлакатамон муштзанони маъруф зиёданд. Боварӣ дорам, ки ғолибони озмуни имрӯза дар оянда номи кишварамонро боз шӯҳратманд мегардонанд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ҲОЛО СОҲИБКОР НА ДАР БОРАИ МУШКИЛОТ, БАЛКИ ДАР БОРАИ МУВАФФАҚИЯТ ФИКР МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Як сол пеш, 20 август, вақте, ки сарвари давлат бо соҳибкорон мулоқоти ошкоро гузаронида, онҳоро бевосита гӯш кард, мушкилоти зиёде ва масъалаҳои ҳалношуда ошкор гардид. Дар асоси ин мулоқот оид ба мушкилоте, ки дар ҳазорон мароҷиати соҳибкорон ба миён омадааст, барномаҳо, зиёда аз 70 фармону қарорҳо қабул карда шуданд. Барои ба роҳ мондани бизнес ва рушди соҳибкорӣ 130 триллион сӯм кредит, 3,5 сӯм субсидия ва ҷуброн ҷудо карда шуд.

Соли гузашта ба садҳо соҳибкорон, ки бо асъори хориҷӣ қарз гирифта, бо сабаби афзоиши мунтазами қурби асъор дар вазъи вазнин қарор доштанд, ба маблағи 123 миллион доллар бо пули миллӣ қарз дода шуд. Ба туфайли ин шумораи корхонаҳои содиркунанда дар мамлакати мо ба 7,5 ҳазор расида, ҳаҷми умумии содирот 30 фоиз афзуд. Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин натиҷаҳо натиҷаи дурахшони мулоқоти ошкорои соли гузашта мебошанд. Мулоқоти ошкорои ба қарибӣ бо соҳибкорон баргузоршудаи Президентамон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки корҳо дар ин самт боз ҳам пайваста идома доранд. Дар давраи аз мулоқот ба мулоқот дар асоси муроҷиатҳои соҳибкорон бисёр масъалаҳо, аз қабили ба категорияҳо ҷудо кардани онҳо, то 12 фоиз кам кардани андоз аз арзиши иловашуда, ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳифзи ҳуқуқи моликият ҳалли худро ёфтанд.

Дар мулоқот масъалаи дастгирии маънавии соҳибкорон низ аз эътибор дур намонд. Президент пешниҳод кард, ки барои қадр кардани меҳнати намояндагони соҳибкорон, ки дар соҳаи худ навовариҳо ва ислоҳот ворид намуда, дар миёни мардум обрӯю эътибор пайдо кардаанд, унвони фахрии «Соҳибкори шоистаи Ӯзбекистон» таъсис дода шавад.

Зарурати беҳтар намудани фаъолияти Палатаи савдо ва саноат низ қайд карда шуд. Акнун вазифаю ваколатҳои он васеъ мешавад. Аз ҷумла, ба ҳукумат ваколат дода шудааст, ки масъалаеро, ки бояд баррасӣ шавад, ворид намояд ва ба манфиати соҳибкор ба суди олӣ ариза пешниҳод намояд. Палатаи савдо ва саноат комилан аз ҳайати ҳукумат дур шуда, ба ҳимоятгари ҳақиқии манфиати соҳибкорон табдил меёбад.

Хулоса, дар мамлакати мо ҷорӣ намудани сохтори кушоди алоқа, ки дар дигар мамлакатҳо дида намешавад, дар пешрафти босуръати соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад. Сафи намояндагони соҳаи соҳибкорӣ торафт зиёд шуда, барои рушду ободии кишварамон софдилона хидмат мекунанд. Воқеан, дар кишвари соҳибкорону корчаллонҳояш фидокор пешравӣ мешавад.

**Дилбар УСМОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи УзЛиДеП.**

# ВАСФИ ДӮСТӢ ВА ОСОИШТАГӢ

**Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бахшида ба 31-умин солгарди истиқлолияти кишварамон таҳти шиори «Дар Ӯзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз!» «Ҷашнвораи маънавият» анҷом ёфт.**



Ба ҳамин муносибат дар амфитеатри Нукус бо иштироки санъаткорони Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон галаконсерт баргузор гардид.

Дар чорабинӣ Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Қ. Сариев, муовини мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Н. Холбӯтаев ба сухан баромада, доир ба аҳамияти ҷашнвораи мазкур дар табақаи васеи аҳолӣ, пеш аз ҳама, ҷавонон тарбия намудани муҳаббату садоқат ба Ватан, хислатҳои инсондӯстона, ҳамаҷониба кушода додани нақши расму оин, анъана ва арзишҳои миллӣ дар ҳаёти мо таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Тавре зикр гардид, аъзои дастаи таблиғотии фестивал, ки бо мақсади ба омма расонидани моҳияти ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию маърифатӣ, қонунҳои қабулшуда ва барномаҳои давлатӣ ташкил карда шудааст, аҳли санъат, фарҳанг ва санъат, олимон, нависандагон ва шоирон, ҷавонони боистеъдод дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои баҳри Арал, инчунин дар овулҳои дурдаст вохӯриҳо ташкил карданд.

Дар рафти фестивал бо мақсади дастгирии иҷтимоии маъюбон, беморони бистарӣ ва пиронсолоне, ки дар пансионатҳои «Мурувват» зиндагӣ мекунанд, дар доираи лоиҳаи «Саховат ва меҳрубонӣ», муаррифии китоби «Қаҳрамонони Ӯзбекистон», бо мақсади ҳифзи намунаҳои нодири мероси маънавӣ ва арзишҳои миллии мо дар мавзӯи «Арзишҳои миллӣ» вохӯриҳо ташкил карда шуданд. Инчунин, таҳти мавзӯи "Ҳамҷиҳатии байнимиллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ дар Ӯзбекистони Нав» чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, ба мақсади ба аҳолӣ шинос намудани намунаҳои беҳтарини адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯйи талаботи маънавию маърифатӣ, бадеию эстетикӣ



иқдоми китобхонии "Маърифатро ба ҳам дида», ба мақсади дар байни ҷавонон васеъ тарғиб намудани бозиҳои миллӣ мусобиқаҳои варзишии «Бозиҳои миллии қароқалпоқ» гузаронда шуданд.

Ҳунармандону эҷодкорони маъруф ба хонаҳои шаҳрвандони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ рафта, аз аҳволи онҳо хабар гирифтанд. Бо ходимони кино вохӯриҳо ташкил карда, филмҳои нав намоиш дода шуданд.

Сурудҳое, ки дустӣ, бародарӣ ва сулҳу осоиши халқҳоро васф мекунанд, дар иҷрои устодони санъати Ӯзбекистон ва Қароқалпоқистон ҷамъомадагонро шод гардонд.

**Довуд АБИБУЛЛОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

***Суратгир:***
***М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4722 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.